آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

# Овози тоҷик

**Бани одам аъзои якдигаранд!**

6 июни соли 2025
Ҷумъа
№ 46
(15161)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ТАБРИК БА МАРДУМИ ЎЗБЕКИСТОН БА МУНОСИБАТИ ИДИ ҚУРБОН

Ҳамватанони муҳтарам!

Шумо, азизон, ҳама ҳамватанони мӯъмину мусулмон ва тамоми халқамонро бо айёми бузург ва муборак – иди Қурбон аз тахти дил самимона муборакбод намуда, аз он шодам, ки эҳтироми бузург ва орзуҳои неки худро баён мекунам.

Пеш аз ҳама ба Худованди меҳрубону тавоно шукронаи беҳисоб мегӯем, ки ин ҷашни барои тамоми ҷомеаи исломӣ бошукӯҳ — Ийд ал-Адҳаро якҷоя бо халқу кишварамон дар фазои орому осуда истиқбол менамоем.

Бешубҳа, дар солҳои охир ҷиҳати бунёди давлати иҷтимоӣ, халқпарвар дар Ӯзбекистони Нав, таҳкими пояҳои маънавӣ ва афзун намудани таъсирнокии он, дини мубини ислом ва яке аз ҷашнҳои асосии он Иди Қурбон нақши муҳим мебозанд.

Бахусус, қайд кардан бамаврид аст, ки фазилатҳои неки ин ҷашн аз ҷумлаи инсондӯстӣ, ҳамбастагӣ, саховатмандӣ ва олиҷанобӣ бо ислоҳоти густурдае, ки дар мамлакат дар асоси ғояи наҷиби **«Барои қадри инсон, барои бахти инсон»** амалӣ мегарданд, муштарак ва ҳамоҳанг буда, барои афзудани самаранокии барномаҳое, ки ба дастгирии табақаҳои ниёзманди аҳолӣ, зоҳир намудани ғамхории вижа нисбат ба пиронсолон, ҷавонон ва занону духтарон, коҳиши камбизоатӣ нигаронида шудаанд, хидмат мекунад.

Дӯстони азиз!

Имрӯзҳо дар мамлакати мо ҷиҳати таҳкими ҳамбастагии байни миллат ва конфессияҳои динӣ, таъмини озодии виҷдон, ҳифзи мероси динию маърифатӣ, тарбияи насли наврас дар рӯҳияи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ корҳои бузург анҷом дода мешаванд.

Вақте дар ин бора ҳарф мезанем, бояд гуфт, ки ба омӯзиши амиқи таълимоти ҳақиқии ислом, гирд овардан ва васеъ тарғиб кардани дурдонаҳои таърихи бузург ва фарҳанг, мероси ғании мутафаккирони номдорамон диққати махсус дода мешавад. Аз ҷумла, мӯъҷизаи бостонии Шарқ – шаҳри Самарқанд дар соли 2025 пойтахти фарҳанги исломӣ эълон шуда, 1155-умин солгарди таваллуди ҳамватанамон Имом Мотуридӣ дар саросари кишварамон васеъ таҷлил мегардад, Маркази илмиву тадқиқотии Баҳоуддини Нақшбанд, ки имсол дар шаҳри Бухоро ба фаъолият оғоз мекунад, ба қатори марказҳои байналмилалии илмиву тадқиқотии Имом Бухорӣ, Имом Мотуридӣ ва Имом Тирмизӣ ҳамроҳ мешавад.

Маркази тамаддуни исломӣ, ки дар пойтахти кишварамон – шаҳри Тошканд бунёд мегардад, ҳамчун як лоиҳаи бузургу нодир дар самти илмию маънавӣ таваҷҷӯҳи зиёди мардуми мо ва ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб мекунад. Бовар дорам, ки ин макони муаззам ҳамчун рамзи равшани таърихи бисёрҳазорсолаи бостонӣ ва фарҳанги бойу нотакрори миллии мо дар ҳаёти Ӯзбекистони Нав воқеаи хеле муҳим мегардад.

Ҳамватанони муҳтарам!

Дар ин рӯзҳои муборак 15 ҳазор нафар ҳамватанони мо зиёрати Ҳаҷи муқаддасро адо мекунанд. Дар чунин лаҳзаҳои мунаввар, ки дуо ва ниятҳои нек мустаҷоб мешаванд, онҳоро ҳам бо Иди Қурбон самимона табрик гуфта, аз Офаридгор хоҳиш мекунем, ки сиҳату саломат ба Ватан баргарданд.

Умедворам, ки ҳоҷиёни муҳтарами мо дар таҳкими минбаъдаи ҳамҷиҳатӣ дар ҷомеа, фазои меҳру оқибат дар оилаву маҳаллаҳо, пурзӯрсозии тарбияи ҷавонон, тарғиби онҳо барои азхудкунии илму дониш, соҳиби касбу ҳунарҳои замонавӣ шудан, муҳофизи Ватан гардидан, инчунин, дар кумакрасонӣ ба инсонҳои ниёзманд, ибрат ва намунаи хоса нишон медиҳанд.

Дар ин рӯзҳои пурфайз, ки диламон саршори шодӣ аст, ҳамватанони бурунмарзиро низ бо ин рӯзи фархунда аз тахти дил табрик гуфта, барояшон сиҳатию саломатӣ, бахт ва омад таманно мекунем.

Мо тамоми уммати мусалмони сарзаминҳои дуру наздики ҷаҳонро сидқан табрик гуфта, ба халқу мамлакатҳои онҳо сулҳ, шукуфоӣ ва фаровонӣ мехоҳем.

Ҳамватанони азизу муҳтарам!

Имрӯзҳо ҳамаи мо мебинем, ки ҷаҳон то ҷӣ ҳад мураккаб ва ташвишовар шуда истодааст. Дар чунин шароити пуршиддат мо бо роҳи нигоҳ доштани осоиштагӣ, эҳтироми байниҳамдигарӣ ва муттаҳидӣ, меҳнати фидокорона дар тамоми соҳа ва шабакаҳо, метавонем ба мақсадҳои бузурги худ ноил шавем.

Албатта, халқи ҷасур ва олиҷаноби мо, ки дар таърихи худ санҷишу машаққатҳои зиёдро бошарафона паси сар кардааст, аз ҳар ҷиҳат ба ин қодир аст.

Бовар дорам, ки дар ин роҳ меҳру оқибат, ҳамҷиҳатии байниҳамдигарӣ ва якдилӣ, ки хоси халқу диёри мост, чун манбаи беҳамтои нерӯю тавоноӣ хидмат мекунад.

Шумо, азизонро, бори дигар бо иди муқаддаси Қурбон аз тахти дил табрик гуфта, ба шумоён сулҳу оромӣ, тансиҳатӣ ва ба хонадонатон файзу баракот орзу менамоям.

Айёми накӯ ба ҳамаи мо муборак бошад!

**Шавкат МИРЗИЁЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

# МАСЪАЛАҲОИ ҲАМКОРИИ ДУҶОНИБА БАРРАСӢ ГАРДИДАНД

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Масъуд Пизишкиён дар ҷараёни суҳбати телефонӣ, ки 5 июн доир гардид, ҳамдигар ва мардуми дӯсти ду кишварро бо иди муқаддаси Қурбон – Ийд ал-Адҳо самимона табрик гуфта, ба онҳо сулҳу оромӣ, некуаҳволӣ ва шукуфоӣ таманно карданд.

Масъалаҳои муҳими рушди минбаъдаи муносибатҳои бисёрҷанбаи байни Ӯзбекистон ва Эрон баррасӣ гардид.

Робитаҳо ва мубодилаи фаъол дар сатҳи ҳукумат, вазорату идораҳо бо қаноатмандӣ қайд карда шуд. Нишондиҳандаҳои савдои байниҳамдигарӣ ва боркашонӣ, шумораи корхонаҳои муштарак меафзоянд.

Моҳи майи соли равон дар шаҳри Теҳрон ҷамъомади навбатии Комиссияи байниҳукуматӣ, форуми соҳибкорон ва намоишгоҳи саноатӣ гузаронида шуд. Оид ба ҳамкорӣ "харитаи роҳ" барои солҳои 2025-2027 қабул гардид.

Аҳамияти пешбурди лоиҳаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои тиҷорат, сармоягузорӣ, нақлиёту логистика, саноат ва кишоварзӣ қайд гардид.

Сарони Ӯзбекистону Эрон ҳамчунин доир ба рӯзномаи минтақавӣ ва нақшаи чорабиниҳои оянда табодули назар карданд.

**ЎзА.**



*Дар ноҳияи Андиҷон бунгоҳи шифохонаи оилавии «Янгиобод» ба истифода дода шуд.*

*Бунгоҳи табобати оилавии «Янгиобод», ки баъд аз таъмири асосӣ ба истифода супурда шуд, ба беш аз 10,5 ҳазор аҳолии маҳаллаҳои «Янгиобод», «Бекобод» ва «Дулдур» хидмат мерасонад.*

*Бинои нав аз ҷониби иттиҳодияи тиббии ноҳия бо мебел ва дигар таҷҳизоти зарурӣ таъмин карда шуд.*

*Ҳоло дар бунгоҳи мазкур 6 нафар шифокор, 27 ходими дорои маълумоти миёнаи тиббӣ кор мекунанд. Баъди ба истифода дода шудани бинои нав аҳолии ҳудуд имкон пайдо карданд, ки дар маҳалла аз хидмати босифати тиббӣ баҳравар шаванд.*

***Суратгир: З. УМУРЗОҚОВ (ЎзА).***

# ДАР РОҲИ БА СОҲАИ БИДУНИ КОРРУПСИЯ ТАБДИЛ ДОДАНИ СОХТОР

***Коррупсия аз монеаҳои асосие маҳсуб меёбад, ки ба рушди ҷомеа, пешрафти мамлакат ва ободии мардум халали ҷиддӣ ворид мекунад. Дар баробари тамоми кишварҳои рӯи олам ҷиҳати мубориза бо ин иллати ногувор дар мамлакати мо низ ислоҳоти густарда сурат мегирад. Хусусан, дар замони Ӯзбекистони Нав мубориза бо коррупсия ба сатҳи сиёсати давлатӣ баромад ва бобати мубориза бо коррупсия тамоми заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам гардид.***

Аз ҷумла, дар таҳрири нави Конститутсия ва Қонун «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия», ки моҳи январи соли 2017 бо ташаббуси Сарвари давлат қабул гардид, масъалаи мубориза бо коррупсия пурра инъикоси худро ёфтааст. Ин мусоидат менамояд, ки доираи муборизаи беамон ба муқобили коррупсия боз ҳам фарохтар гардида, решакан намудани ин иллати ногувор таъмин шавад.

Дарвоқеъ, Агентии мубориза бо коррупсия ва Шӯрои миллии мубориза бо коррупсия, ки ҳоло дар кишвари мо фаъолият доранд, ба маънои аслӣ ҷиҳати сафарбар намудани тамоми ҷомеа ба муқобили коррупсия саъю кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Албатта, мубориза бо коррупсия кори як рӯзу як моҳ нест ва он ҳамчун чорабинии дарозмуддат амал мекунад, давра ба давра татбиқ мегардад.

Фармони Президент аз 21 апрели соли 2025 «Дар бораи чораҳои ташкили босамари иҷрои вазифаҳои афзалиятнок ҷиҳати такмили минбаъдаи низоми мубориза алайҳи коррупсия» маҳз барои ҷорӣ намудани мубориза бо коррупсия ва ҷалби таваҷҷӯҳи бештари ҷомеа мусоидат менамояд. Ба воситаи ин Фармон номгӯи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ӯзбекистон ва Барномаи тадбирҳои амалии таъмини иҷрои вазифаҳои дар ҷамъомади васеи Шӯрои миллии мубориза бо коррупсия муайяншуда, ки 5 марти соли 2025 баргузор гардид, тасдиқ карда шудааст.

Мувофиқи Фармон Шӯрои миллии мубориза бо коррупсия солона «Харитаи роҳ»-и таъмини пешгирӣ ва мубориза бо коррупсияро дар якҷоягӣ бо Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, сарварони ниҳодҳои прокуратура ва корҳои дохилӣ тасдиқ мекунад ва назорати иҷрои онро низ ба роҳ мемонад. Роҳбарони вазорату идораҳо шахсан барои сифатнок, сари вақт ва бечунучаро иҷро кардани вазифаҳои дар Фармон ва замимаҳои он пешбинишуда масъуланд.

Имрӯз дар баробари тамоми соҳа ва шабакаҳо, муассисаи давлатии «Маркази давлатии экспертизаи экологӣ» низ ҷиҳати баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои давлатӣ ва саривақт ошкору пешгирӣ кардани хатарҳои коррупсионӣ мунтазам чораву тадбирҳо меандешад. То кунун Марказ ҷиҳати фароҳам овардани заминаҳои самарабахши ташкилию ҳуқуқии мубориза бар зидди коррупсия дар соҳаи экспертизаи экологӣ корҳои зиёдеро анҷом додааст. Қонун «Дар бораи экспертизаи экологӣ», ки қариб чоряк аср пеш қабул шуда буд, мутобиқи талаботи байналмилалӣ дар таҳрири нав қабул гардид.

Дар натиҷаи татбиқи меъёрҳои бевоситаи фаъолияти экспертизаи экологӣ дар таҳрири нави қонун барои таъмини низоми баҳодиҳии экологии боэътимод, кафолатнок ва шаффоф барои субъектҳои соҳибкорӣ ва сармоягузорони хориҷӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуд. Дар асоси тавсияҳои коршиносон ва мушовирони созмонҳои байналмилалӣ, ниҳодҳои молӣ, аз қабили Бонки ҷаҳонӣ, Барномаи СММ, Комиссияи иқтисодии Аврупо, Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо меъёрҳои аснoди байналмилалӣ оид ба мубориза бо коррупсия дар меъёрҳои қонуни мазкур бомуваффақият татбиқ карда шуданд.

Аз ҷумла, меъёрҳои нави ҳуқуқӣ шаффофият ва ошкорбаёнии хидматрасонӣ тавассути рақамикунонии пурраи самтҳои фаъолият дар соҳаро, ки эҳтимоли содир шудани ҳуқуқвайронкуниҳои марбут ба коррупсия бештаранд, пурра таъмин мекунанд. Хусусан, қабули ҳуҷҷатҳои лоиҳаҳое, ки аз тарафи мизоҷон ба экспертизаи давлатии экология тақдим мегарданд ва ҷараёни хулосагирии он тавассути платформаи ягонаи eco-service.uz бо тарзи рақамӣ татбиқ мешавад.

Ин, дар навбати худ, имкон медиҳад, ки дар фаъолияти марказ омили инсонӣ дар ин равандҳо маҳдуд карда шавад. Хушбахтона, дар натиҷаи таблиғоти мунтазами пешгирикунанда ва ташвиқоти ҳамешагӣ аз ҷониби Хадамоти назорати дохилии Марказ ҷиҳати мубориза бар зидди коррупсия, дар солҳои охир ягон ҳолати ҳуқуқвайронкунии коррупсионӣ ошкор нашуд.

Инчунин, бо мақсади пешгирии монеаҳои бюрократӣ ва хатарҳои коррупсионӣ дар сиёсати кадрии марказ барои қабули кормандони нав комиссияи интихобӣ – Шӯрои коршиносон оид ба экспертизаи давлатии экологӣ таъсис дода шуд. Самаранокии кори кормандон аз рӯи меъёрҳои мушаххас арзёбӣ гардида, давра ба давра онҳо такмили касб менамоянд. Дар веб-сайти Марказ бахши мубориза бо коррупсия, «Call-марказ» ва рақами кӯтоҳи «Телефони боварӣ» мавҷуд буда, пайваста фаъолият мекунад ва имкон медиҳад, муроҷиатҳои шаҳрвандон ба зудӣ мавриди қабул қарор гиранд.

**Раҳим ТОШПӮЛОДОВ,**
**сармутахассиси Хадамоти назорати дохилии муассисаи давлатии «Маркази давлатии экспертизаи экологӣ».**

# БЕҲБУДИИ ИНФРАСОХТОРИ СИФАТ ВА НАТИҶАҲОИ ОН

***Баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии маҳсулот, рафъи монеаҳои техникӣ дар савдо вазифаи аввалиндараҷаи рушди иқтисодии ҳар як кишвар мебошад. Сарвари давлат барои суръат бахшидан ба татбиқи стандартҳои нав, ки ба таҳкими иқтисодиёти кишвар ва баланд бардоштани иқтидори содиротии он нигаронида шудаанд, дар пеши масъулони соҳа вазифаҳои мушаххас гузошт.***

Дар нишасти матбуотие, ки аз ҷониби муассисаи Маркази аккредитатсияи давлатии Ӯзбекистон ташкил гардид, мутахассисони соҳа оиди ҷорӣ кардани хидматрасониҳои нави аккредитатсия барои беҳтар намудани инфрасохтори сифат маълумоти муфассал доданд.

Тавре дар чорабинӣ қайд гардид, дар «Стратегияи Ӯзбекистон – 2030» вазифа гузошта шудааст, ки ҳаҷми содироти маҳсулоти маҳаллӣ ба хориҷи кишвар, ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалӣ оид ба пешниҳоди хидматрасонии аккредитатсия дар лабораторияҳои кишвар таъмин карда шавад. Дар ин самт Маркази давлатии аккредитатсия айни замон дар 10 бахш эътирофи байналмилалӣ ба даст овардааст ва нақша дорад, ки дарояндаи наздик дар 4 самти дигар ба эътирофи байналмилалӣ ноил шавад.

Дар системаи миллии аккредитатсия дар асоси стандартҳои байналмилалӣ 473 мақомоти арзёбии мутобиқат аккредитатсия шудаанд. Аз ин шумор 293 лабораторияи озмоишӣ, 93 сертификатсияи маҳсулот, 27 лабораторияи калибрченкунӣ, 31 системаи менеҷменти сифат, 18 мақомоти санҷишӣ, 2 сертификатсияи кадрҳо, 3 сертификатсияи хидматрасонӣ, 2 провайдери санҷиши тахассусӣ, лабораторияи тиббӣ ва 2 истеҳсолкунандаи намунаҳои стандартӣ мебошанд.

Имрӯз дар назди мақомоти миллии аккредитатсия вазифа гузошта шудааст, ки дар 4 самти муҳим ба эътирофи байналмилалӣ ноил гардида, дар ин самт хидматрасониҳои нав ба роҳ монда шавад.

Инчунин, корҳо оиди таъсиси хидматрасонӣ ба сертификатсияи комилан нави байналмилалии амнияти иттилоотӣ – 27001 идома доранд. Маркази аккредитатсияи Ӯзбекистон дар рейтинги инфрасохтори сифат (GQII) дар байни 185 кишвари ҷаҳон ҷойи 39-умро ишғол мекунад. Миқёси эътирофи байналмилалӣ имрӯз ва натиҷаҳои он аз омодагии бахши аккредитатсияи Ӯзбекистон ба раванди ҳамгироӣ бо СҶТ шаҳодат медиҳад.

**М. МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

***Деҳаи хушҳавои тоҷиктабори Камонгарон дар ноҳияи Ургут ҷойгир буда, мардуми он бо ҳунармандӣ, тадбиркорӣ ва илму фарҳанг, инчунин корҳои ибратбахши неку хайр лоиқи таҳсину ситоиш ҳастанд.***

# ХАЙРУ ЭҲСОН – СИФАТИ НЕКИ ИНСОН

Масалан, сокини деҳа раҳматӣ Адашбобо Юсупов маблағи барои зиёрати ҳаҷ ҷамъ овардаашро барои ободонии қабристони маҳалла ва қабри рамзии яке аз намояндагони тариқати Нақшбандия Хоҷа Аҳрори Валӣ сарф намуд, ки мардум номашро ба некӣ ёд меоранд.

– Ҳамдеҳаам раҳматӣ Адаш Юсупов дар моҳи шарифи рамазони соли равон ба ҳақ пайваст, – гуфт собиқадори таълими халқ Мурод Қурбонзода, – аммо хотири некаш ҷовидон хоҳад монд. Зеро бузургон насиҳат кардаанд:

*Некӣ кун, агар туро дастрас аст,*
*К-ин олам ёдгори бисёр кас аст!*

Боиси хушнудист, ки анъанаҳои неки сарвари оиларо фарзандону наберагон идома медиҳанд.

Дар арафаи Иди қурбон онҳо ба оилаҳои камбизоат ва «Хонаи меҳрубонӣ»-и шаҳри Самарқанд меҳру мурувввати хешро дареғ надошта, хайру эҳсон карданд. Чанде пеш бошад, тӯйҳои сунатии оилаҳои камбизоату мӯҳтоҷро гузаронида буданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**

*Вилояти САМАРҚАНД.*

# ОРДИ ГАНДУМ ҲАМА ҶО, ПАЗАНДА ҶО-ҶО

***Дар Самарқанд анҷумани бошукӯҳи ҷумҳуриявии нонпазон баргузор гардид. Дар он аз тамоми қаламрави Ӯзбекистон вакилони соҳа ширкат варзиданд.***



**Дар акс:** *лаҳзае аз тадбир.* **Аксбардор: Баҳодури ЗОҲИР.**

Ҳоло ягон маъракаро бидуни дастурхон ва нону ширинӣ тасаввур кардан мумкин нест. Зеро нон ғизои аввалину беҳтарини инсон аст.

Бино ба маълумоти археологӣ метавон тахмин кард, ки истеъмоли донҳои хӯшадор ҳанӯз 10-15 ҳазор сол муқаддам оғоз ёфтааст.

Дар байни халқҳои Осиёи Марказӣ усули дар танӯр пухтани нон аз қадим маъмул буда, он бо гузашти айём рушд кардааст ва садҳо навъи вай кашф шудаанд.

Нонҳои пӯлодӣ, осиёӣ, равғанӣ, сиёҳдонадор, фатири пиёздор, чап-чап, кулчаи ширравған ва ғайра дар вилоятҳои Самарқанд, Фарғона, Бухорои шариф, Сурхондарё ва дигар шаҳру ноҳияҳои Ӯзбекистон пухта мешаванд.

– Нонпазӣ барои мо меросист, – гуфт ғолиби озмуни ҷумҳурӣ Орзуқул Зоҳидови самарқандӣ, – рост мегӯянд, ки орди гандум ҳама ҷо, пазанда ҷо-ҷо!

Боиси хушнудист, ки ҳоло нони осиёӣ ва пӯлодии Самарқанд дар тамоми ҷаҳон маълуму машҳур мебошад.

Бояд гуфт, ки ҳангоми баргузории тадбири мазкур нонпазҳо дар 20 танӯр аз бисёр вилоятҳои кишварамон чанд намуди нону фатир пухта, пешкаши меҳмонону мизбонон карданд. Ҳозирон, хоссатан сайёҳони хориҷӣ онҳоро бо иштиҳо тановул намуда, ба маҳорати нонпазҳо баҳои баланд доданд.

Дар озмуни «нонпази куҳансол» шоҳсуфаи ифтихорӣ насиби мӯйсафеди 80-сола аз Сурхондарё Раҳматбобо Зикиров шуд.

– Дар озмуни ҷумҳурӣ беш аз 50 намуди нони шаҳру ноҳияҳои Ӯзбекистон ба ҳукми доварон ҳавола гардиданд, – гуфт сардори Садорати идораи сайёҳии вилояти Самарқанд Ҷӯрабек Суюнов, – ҳар як ноҳия бо нонҳои машҳури худ ширкат варзид. Албатта, дар ин ҷараён нонпазҳои маҳаллаи Галаосиёи ноҳияи Самарқанд исбот карданд, ки навъҳои осиёӣ ва пӯлодии эшон чӣ дар Самарқанд ва чӣ дар дунё ҳусни дасторхон мебошанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

***Адиби варзида, журналисти боистеъдод, корманди собиқи рӯзномаи «Овози тоҷик» Бекназар Тӯйназаров (Дарӣ) ба узвияти Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон пазируфта шуд.***

# ЭЪТИРОФИ ШОИСТАИ ЭҶОДКОР

Бояд гуфт, ки Бекназар Тӯйназаров аз соли 1974 дар таҳририяти рӯзномаи «Овози тоҷик» ба фаъолият оғоз намуда, то синни бознишастагӣ (соли 2009) дар ин даргоҳ фидокоронаву таҳтидилона дар уҳдадориҳои гуногун ифои вазифа кард.

Заҳмату меҳнати содиқонаи мавсуф аз ҷониби ҳукумат борҳо эътироф гардидааст. Соли 1999 дар озмуни ҷумҳурии «Беҳтарин журналисти сол» ғолиб омад. Соҳиби медали «Шуҳрат» гардид.

Бекназар Тӯйназар аз оғоз ҳаёту фаъолияти худро ба кори матбуоту эҷод бахшида, бо тахаллуси Б.Дарӣ очерк, эссе, ҳикоя, ҳаҷвия ва силсилаи резасухану андешаҳо навишт, ки он ҳама дар китобҳои «Бори дил» (1999), «Дар кӯчаҳои шаҳр» (2011) ва чандин маҷмӯаҳои дастаҷамъӣ гирдоварӣ шудаанд.

Бекназар Тӯйназар чун адиби варзида ва журналисти боистеъдод дар ҳавзаи адабии Ӯзбекистон мавқеи хоси худро дорад, дар навиштаҳои мавсуф сухан дар мавриди зиндагии мардум, муносибати байниҳамдигарии одамон, шебу фарози умр, неку бади ҳаёт меравад.

– Пазируфта шудан ба узвияти Иттифоқи нависандагон дар баробари ифтихору хурсандӣ, бар уҳда бори масъулият ҳам вомегузорад, – мегӯяд Бекназар Тӯйназар. – Масъулияти беҳтар аз пештар ва боз ҳам бештар навиштанро. Аз чунин қадршиносӣ мамнунам ва минбаъд низ мекӯшам, то ҳикояву қиссаҳои ҷолибро рӯйи коғаз оварда, манзури хонандагон намоям.

Ёдовар мешавем, ки чанд рӯз муқаддам дар деҳаи Эҷи ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ бахшида ба солҷашни чаҳор адиби шинохтаи тоҷик, аз ҷумла 75-солагии нависанда Бекназар Тӯйназар бо ибтикори Бунёди фарҳанги тоҷикони шаҳри Тошканд «Ориёно», Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони вилояти Ҷиззах ва маҳфили андешаварзӣ ва зеҳнии «Хирадманд» нишасти адабию фарҳангӣ доир гардида буд.

Ҳамқаламамонро бо ин дастовард табрик мегӯем.

**Идораи «Овози тоҷик».**

*Нафаси зиндагӣ*

# ОСУДАГИИ ВАТАН ОСУДАГИИ МОСТ

Аввали моҳи феврали соли 2023 дар чандин вилояту шаҳрҳои Туркия зилзилаи сахт рӯй дод. Дар байни чанд дақиқа баъзе шаҳрҳои бостонию назаррабои ин диёр ба хароба табдил ёфтанд.

Камина пас аз чанд ҳафтаи ин офати табиӣ ба шаҳри Ғозиёнтеп рафтам. Дар он ҷо духтарам бо аҳли оилааш кору зиндагӣ мекунад ва бо чашмони худ дидам, ки зилзила ба шаҳру иқтисодиёти он чӣ қадар хисорот ва талафоти азим расондааст, манзилу макони мардум, як қалъаи 6-7 ҳазорсола ба хок яксон шудаанд. Аз ҳама таассуфангезаш ин офат ба ҳаёти беш аз 50 ҳазор нафар зомин шуд.

– Зилзила, – мегӯяд як турки куҳансол, чашми моро кушод, аз хоби ғафлат бедор кард. Офати табиӣ ба қадри осудаҳолӣ расидан, шукр гуфтанро омӯзонд. Чӣ қадр ғанимат будани ҳаёти осоиштаро собит кард.

Аммо ҳикояе, ки он рӯзҳо аз духтарам Малика шунидам, маро боз бештар ба ҳайрат овард. Фикр мекунам, он барои ҳар яки мо ҳикматангез аст.

– Пас аз зилзила дар ҳавои сарди февралӣ, чанд рӯз бо бачаҳо зери барфу борон дар кӯча мондем. Мардҳо асосан ба ҷустуҷӯйи одамон аз зери вайронаҳо ва ба хок супурдани майитҳо машғул буданд. Ба хонаи худамон даромадан манъ буд, ҳарчанд ба он зилзила хисороте нарасонида буд, ба дарҳо мӯҳр зада буданд. Ниҳоят пас аз чанд рӯз ҳокимияти ноҳия дар боғе хаймаҳо рост кард. Дар як хайма то бист нафар хоб мерафтем. Фарш нам буд, хӯрок намерасид. Дар шафати мо як оилаи ночори иборат аз 4 нафар ҷой гирифтанд. Баъд аз чанде оилаи дигаре омаду бо дидани оилаи ҳамшафати мо доду фарёд бардошта, аз онҳо узр мепурсид. Сонитар фаҳмидам, оилае, ки пештар ҷой гирифта буд, дар хонаи он оилае, ки акнун ҷой мегирифт, дар иҷора зиндагӣ мекардааст. Соате пештар аз рӯй додани зилзила онҳоро ба сабаби саривақт надодани иҷорапулӣ аз хонааш берун карда будааст. Акнун онҳо, яъне хонаводаи камбағал ва соҳиби чанд хонаву ҷой зери як хайма дар як ҳолат буданд. Сарвари оилаи сарватманд сахт пушаймон шуда, аз даргоҳи Худованд истиғфор мепурсид.

Оре, чун балою офате бархезад, сарватманду камбағалро ҷудо намекунад. Тавре ки дар урфият мегӯянд, оташ чун аланга гирифт, тару хушк баробар месӯзад. Вале табиати инсон чунин аст, то аз ягон неъмат маҳрум нашавад, ба қадри он намерасад. Устод Лоиқ чӣ barҳақ фармудааст:

*То ҷӯйи пуроби дари хонет нахушкад,*
*Зинҳор нагӯйӣ, ки беҳ аз баҳри*
*дамон буд...*

Дар боло оид ба асорати зилзила нақл кардем. Маълум аст, ки зилзила як ҳодисаи сейсмикӣ, офати табиист. Он ба омили инсонӣ иртиботе надорад. Лекин дар сайёраи Замин офатҳое низ сар мезананд, ки айнан ба омили инсонӣ вобастаанд.

Кураи Замин ба як сайёраи хурд шабоҳат дорад. Ягон бало дар гӯшае содир шавад, он дарҳол ба сокинони тамоми сайёра дахолат мекунад.

Як мисоли оддӣ. Ба наздикӣ муддате дар байни Ҳиндустону Покистон муноқиша ба амал омад ва бар оқибати амали террористӣ чанд нафар кушта шуданд. Хавфи сар задани ҷанги байни ду давлати дорои силоҳи ядровӣ пайдо шуд. Он рӯзҳо зуд дар шабакаҳои иҷтимоӣ, воситаҳои ахбори дунё бо мазмуни зер хабарҳо паҳн шуданд: «Бинобар пӯшида шудани хатсайри осмонии Покистон баъзе самолётҳои Ӯзбекистон хатти ҳаракати худро тағйир доданд, ки ин боиси тӯл кашидани вақти парвоз мегардад». Ё ки «самолёте, ки аз Тошканд ба шаҳри Ня Чанги Ветнам парвоз мекард, акнун хатсайри худро дар ҳудуди ҳавоии Қазоқистону Хитой амалӣ мекунад» ва ғайра ва ҳоказо. Ҳол он ки Покистону Ҳиндустон ба Ӯзбекистон чандон наздик несытанд. Он рӯзҳо парвози чандин самолёт аз Тошканд ва ба Тошканд мавқуф гузошта шуданд. Таъсири ҷангу ҷидолҳои дигар минтақаҳо, ки ҳар рӯз сабаби кушта шудани садҳо ҷавонмардон, кӯдакону занон мешавад, ба ҳама аён аст.

Шайх Саъдӣ ҳам чандин қарн муқаддам маҳз чунин ҳолатҳоро пайгирӣ намуда, авлиёсифат фармудааст:

*Банӣ Одам аъзои якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.*
*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор.*

Дур нарафта, лаҳзае ҷанги хонумонсӯзеро, ки бар асари дахолати давлатҳои абарқудрат дар сарзамини Афғонистони ҳамсоя рӯй доду чандин даҳсола идома ёфт, ба ёд оваред... Ҳазорон ҷавонони ӯзбеку тоҷик ҳам бо баҳонаи «адои қарзи байналмилалӣ» ба ин ҷанг сафарбар шуданд, садҳо нафари онҳо куштаву боз ҳазорон нафарашон бепову бедаст, маъюбу маслух ба ватан баргаштанд ва то ба имрӯз аз доғи он рӯзҳо азият мекашанд.

Дар кишвари дӯсту ҳамсоя – Тоҷикистон дар аввали солҳои 90-ум дар оқибати ҷанги дохилӣ анқариб 150 ҳазор нафар куштаву беш аз як миллион нафар ҷилои макону манзилашон карданд. Зарари маънавии ин ҷанг андоза надорад.

Камина ба ҳайси хабарнигор ба Афғонистони ситами ҷанги бемаъниро дидаву кашида, чор маротиба сафари эҷодӣ доштам. Моҳи ноябри соли 2002, вақте дар Мазори Шариф будам, аз ҷавони мусаллаҳи тахминан 22-25-сола пурсидам, ки дар куҷо таҳсил кардааст ва касбу пешааш чист. Ростӣ, аз ҷавоби он ҷавон ба суолам хиҷолат кашидам.

– Оғо,– гуфт ӯ, – беш аз 20 сол аст, ки дар ватани азизи мо ҷанг идома дорад. Қабл аз ҷанг ман даҳ сол доштам. Аз ҳамон замон «калашникуф» дар китфам аст. Дар куҷо, чӣ рақам таҳсил мекардам? Дар умри худ бидуни ҷанг чизеро намедонам».

Ҳоло ин ҳақиқати зиндагии он бечораро, ба ҷавонони худамон бигӯем, гумон аст, ки бовар кунанд. Чашм нарасад, мамлакатамон осудааст, ки маъвои ҳар кадоми мо осудааст. Фақат, баъзан аз он хеле афсӯс мехӯрам, ки дар зиндагӣ ашхосе бар иллати камбудиҳои ноқис: набудани барқ ё газ, нархи баланди баъзе анво, сӯзишворӣ ҳамеша шикоят мекунанд. Оё дар ин дунё кишваре ҳаст, ки зиндагӣ дар он ҷо идеалӣ бошад? Ислоҳоти соҳаҳои мухталифи ҳаёт давом дорад. Коррупсия, лоқайдӣ, бемасъулиятии баъзе шахсон табиист, ки боиси норозигии одамон мешавад. Аммо дар зиндагии кунунии мо аз камбудӣ комёбиҳо бештаранд, ки бояд шукрона гӯем. Мардуми мо фаромӯш кардаанд, ки чоряк аср ё сӣ сол пеш саҳар соати чор хеста, барои ба даст овардани ду кило гӯшт, як шиша рӯғани пахта, дуто собуну 2 кило шакару орд соатҳо навбатпоӣ мекардем.

Дар замоне, ки ба мардуми кишварҳои гуногун хавфу хатарҳои зиёд таҳдид доранд, қувваҳое ҳастанд, ки мамлакати моро низ мехоҳанд қурбони ҳадафҳои геополитикӣ кунанд. Дар чунин вазъият таъмин сохтани сулҳу истиқрор дар кишвар ва минтақа кори саҳлу осон нест. Бо ташаббусу ибтикори сарвари давлати мо Шавкат Мирзиёев бо кишварҳои ҳамсоя муносибати хубу боэътимод ба роҳ монда шуд. Хусусан, мулоқоти сарварони се кишвари ҳамсоя – Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон, ки дар шаҳри Хуҷанди бостонӣ ҷамъ омаданд, ба сулҳу неруҳои созандагию ҳамкориҳои муттасил таҳкими бештар бахшиданд.

Ҳаёт зебост, фақат бояд ба қадраш бирасем. Ҳарчӣ дорем, бахусус, неъмат ва хотирҷамъиро ғанимат донем, эҳтиёт кунем.

**Шоқаҳҳор САЛИМОВ, узви иттифоқҳои журналистони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон.**

***Дар кишварамон тамоюли «инсон – ҷомеа – давлат» дар сатҳи қонунгузории конститутсионӣ ва амалияи конститутсионӣ мустаҳкам гардидааст. Аз ин рӯ, дар 7-8 соли охир талаботи асосии давлати иҷтимоӣ пурра дар амал татбиқ шуда истодааст. Хусусан, ҳамчун як давлати иҷтимоӣ, шаҳрвандони мо имрӯз дар зиндагии ҳаррӯзаи худ ислоҳотҳоро амиқ эҳсос мекунанд, ки ба таълими босифат, кумаки тиббии баландихтисос, дастгирии ҳамаҷонибаи оилаҳо, кӯдакон, занон, пиронсолон ва шахсони маъюб, таъмин намудани ниёзмандон бо манзил, фароҳамсозии шуғл, муҳайё кардани шароити бехатари меҳнат ва коҳиши сатҳи камбизоатӣ равона шудаанд.***

# ИФОДАИ АМАЛИИ СИЁСАТИ ХАЛҚПАРВАР

Инро метавон дар мисоли ислоҳоти соҳаҳои тиб ва маориф равшан мушоҳида кард. Дар 7 соли охир маблағгузорӣ ба соҳаҳои тиб ва маориф 6-7 маротиба афзуд. Низоми мукаммале фароҳам оварда шудааст, ки хидматрасониҳои ибтидоии маҳалларо бо хизматрасониҳои ихтисосёфта мепайвандад. Имрӯз зиёда аз 400 ҷарроҳии технологии олӣ, ки қаблан танҳо дар пойтахт анҷом дода мешуданд, дар вилоят ва ноҳияҳо ба субут расонда мешаванд. Масалан, ҷарроҳии кӯчонидани гурда ҳоло дар минтақаҳо низ гузаронида мешавад. Дар гузашта шаҳрвандон маҷбур буданд, ки барои чунин амалиёт маблағ ва вақт сарф намуда, ба пойтахт ё ҳатто ба хориҷи кишвар раванд.

Инчунин, дар мактабҳо қариб 1 миллион ва дар кӯдакистонҳо 1,5 миллион ҷойи нави таълимӣ таъсис дода шуд. Сатҳи фарогирии кӯдакистонҳо 3 баробар афзуда, ба 78 фоиз расид. Бар асоси меъёрҳое чун малака, донистани забон, низоми нави баҳогузорӣ ва олимпиадаҳои фаннӣ барои омӯзгорон зиёда аз 10 намуди иловапулиҳо ҷорӣ гардид. 60 ҳазор омӯзгор, ки аз ин имконият самаранок истифода бурданд, ҳоло аз 8 то 12 миллион сӯм маош мегиранд. Маоши мураббиёни кӯдакистонҳо 65 фоиз афзуда, ба сатҳи маоши омӯзгорони мактаб баробар гардид.

Ғайр аз ин, ба таҳсили фарзандони оилаҳои ниёзманд ва камбизоат таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, ҳар сол хароҷоти таҳсили 2 ҳазор нафар занон барои таҳсил дар муассисаҳои олии таълимӣ пурра пардохта мешавад. То ба қарибиҳо, аксари кӯдакони имконияташон маҳдуд аз муҳити иҷтимоӣ канор монда, дар шароити ҷудогона таҳсил мекарданд. Бо ташаббуси Президенти кишварамон, имрӯз барои иштирок ва таҳсили чунин кӯдакон дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ муҳити дастрас ва шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Ҳамчунин доираи дастгирии шаҳрвандоне, ки даромад ва саломатиашонро аз даст дода, ба вазъияти душвори иҷтимоӣ гирифтор шудаанд, тадриҷан васеъ мегардад. Барои мутобиқсозии шахсони маъюб ба ҷомеа, ҳаҷми хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва кумаки иҷтимоӣ васеъ карда мешавад.

Боз як тағйироти муҳим — беҳтар гардидани имкониятҳои иқтисодии аҳолии мост. Ҳанӯз панҷ сол пеш, даромади 23 фоиз ё 7,5 миллион нафар аҳолии кишварамон ҳатто ба ҳади камбизоатӣ намерасид. Дар давраи гузашта барои 3,5 миллион шаҳрванди мо имконияти дарёфти даромад муҳайё карда шуд ва сатҳи камбизоатӣ то 11 фоиз коҳиш ёфт. Барои се соли оянда ҳадаф гузошта шудааст, ки ин нишондиҳанда то 7 фоиз поён бурда шавад. Хусусан, бо мақсади коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ва ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ, дар буҷети соли ҷорӣ 500 миллиард сӯм маблағ равона карда шудааст. Яке аз навгониҳои муҳим ин аст, ки аз аввали сол марҳила ба марҳила низоми ягонаи «Кортҳои иҷтимоӣ» ҷорӣ шуда истодааст, ки тамоми хидматрасониҳо, кумакҳо ва имтиёзҳои иҷтимоиро дар бар мегирад.

Илова бар ин, чораҳои ҷиддӣ барои пешгирии истифодаи меҳнати кӯдакон, таъминсозии ҳифзи боэътимоди ҳуқуқҳои шахсони маъюб ва калонсолон, таъмин намудани гурӯҳҳои ниёзманди иҷтимоии шаҳрвандон бо манзил ва муайян кардани ҳадди ақалли музди меҳнат низ аз ҷумла ин тағйироти муҳим мебошанд.

Бо мақсади тавсеаи чорабиниҳо ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, идомаи сиёсати афзоиши мунтазами даромади шаҳрвандон ва тақвияти ҳимояи иҷтимоии онҳо ба қарибӣ Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон таҳти унвони «Дар бораи зиёд намудани миқдори музди меҳнат, нафақа, стипендия ва кӯмакпулиҳо» қабул гардид.

Ин фармон дар соли ҷорӣ барои беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ, таъминсозии баробарии иҷтимоӣ ва коҳиш додани фарқияти даромадҳо аҳамияти бештар касб мекунад.

Бар асоси Фармон, аз 1 июли соли 2025 миқдори нафақа ва кумакпулиҳо, аз ҷумла кӯмакҳои моддӣ ва кумакпулиҳои кӯдакона барои оилаҳои камбизоат 10 фоиз зиёд карда мешаванд. Ин ташаббус на танҳо барои таъминсозии ниёзҳои хӯрокворӣ, балки барои хароҷоти доруворӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва дигар эҳтиёҷоти зарурӣ ба қисми зиёди аҳолӣ, воқеан кумаки хуб хоҳад шуд.

Хусусан, афзоиши маблағи нафақаҳои кӯдакона ба буҷети оилавӣ сабукии назаррас меорад. Масалан, оилае, ки се фарзанд дорад, ҳадди ақалл моҳе 740 000 сӯм нафақа дарёфт хоҳад кард. Барои донишҷӯёне, ки бо стипендия рӯз мегузаронанд, барои китоб, нақлиёт, хӯрок ва дигар эҳтиёҷот маблағи иловагӣ фароҳам меояд.

Бешак, ҳамаи ин амалҳо бозгӯи равшани онанд, ки тамоюли «Ӯзбекистони нав — давлати иҷтимоӣ», ки имрӯз ҳамчун меъёри конститутсионӣ таҳким ёфтааст, дар ҳамаи соҳа ва самтҳои ҳаёт ба таври возеҳ инъикос мeёбад.

**Гулнорахон АБДУВОҲИДОВА, узви Кумитаи масъалаҳои меҳнат, ҳифзи сиҳҳат ва ҷамъияти Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

# МАВСИМИ ҲОСИЛҒУНДОРӢ ОҒОЗ ЁФТ




*Соли ҷорӣ дар 94 ҳазору 300 гектар майдони вилояти Фарғона «Аср», «Давр», «Веха», «Антонино», «Алексеевич» ва «Базостая-100» – навъҳои серҳосил ва пешпазаки ғалларо парвариш карданд.*

*Алҳол мавсими даравi ғалла оғоз ёфт. Пеш аз оғози дарав дар ноҳияи Ёзёвон бо иштироки ҳокимони ноҳияҳо, мутахассисони соҳа семинари намоишӣ ташкил шуд. Иштирокчиён аввал бо рафти тайёрии ҳосилғундории хоҷагии фермерии «Баҳромҷон»-и ҳудуди Фарғонаи марказӣ шинос шуданд ва ба оғози ғалладаравӣ старт доданд. Сипас, таҷрибаи хоҷагии фермерии «Мизон»-ро, ки дар асоси истифодаи технологияҳои Чин ба нишондоди баланд ноил гардидааст, аз назар гузарониданд. Дар семинар оммавӣ гардондани таҷрибаи хоҷагии номбурда дар ҳудудҳо таъкид гардид.*

***Суратгир: М. СУЛАЙМОНОВ. (ЎзА).***

*Дар нигористон*

***Дар Хонаи фотосуратҳои Тошканд, бахшида ба 70 солагии омӯзгор, дотсенти кафедраи «Театр ва рангтасвир»-и Донишкадаи дизайн ва рассомии миллии ба номи Беҳзод, рассом ва ороишгари саҳна Аҳмадҷон Ӯринов намоишгоҳи шахсӣ кушода шуд, ки дар он қариб 60 намуди эҷодиёти рассом акс ёфта, зери унвони «Ҳафт макон» ташкил карда шудааст.***

# ҲАФТ МАКОН

Дар маросими кушодашавии намоиш таъкид гардид, ки «Ҳафт макон» на танҳо як рақам, балки рамзи роҳи камолоти маънавӣ ва фарҳангӣ мебошад.

Ҳангоми гузаштан аз ин роҳ, инсон аз худпарастӣ ба худшиносӣ, аз ҷаҳолат ба маърифат ва аз зоҳир ба ботин ҳаракат мекунад.

Дар намоиш аксҳои гуногун ҷой доранд: корвонсарой, гунбаз, чеҳраҳои мардон ва занон, ҳунармандон, меъморон, бозорҳо, мусавварахои рассомон ва саҳнаҳои театрӣ ба намоиш гузошта шудаанд. Дар намоишгоҳ экспонатҳои «Абӯалӣ ибни Сино», «Модар-замин», «Анор», «Висол», «Корвон», «Хотираҳои кӯдакӣ», «Роҳи бузурги абрешим», «Бухоро», «Соҳил» ва боз як қатор намунаҳои эҷодӣ ба намоиш гузошта шудаанд.

Рассом дар ноҳияи Бекободи вилояти Тошканд таваллуд шудааст. Дар Донишкадаи театр ва рассомии Тошканд таҳсил гирифта, дар театрҳои ҷумҳурӣ, ширкати телевизион ва радиои Тошканд кор кардааст. Чандин маротиба намошгоҳи шахсии рассом ташкил карда шудаанд.

**Ҳасан АБДУНАЗАРОВ.**

# ВОХӮРӢ БО ҲУНАРПЕШАИ МАШҲУР ДАР ОСОРХОНАИ УСТОДИ САНЪАТКОРОН

***Мужда расид, ки Ҳунарпешаи мардумии Иттиҳоди Шӯравӣ, овозхони маъруфи тоҷик Ҷӯрабек Муродов бо аҳли оилааш ба зиёрати Самарқанд омада, баробари дигар ёдгориҳои таърихӣ Осорхонаи Устод Садриддин Айниро зиёрат кардааст ва акнун аз Осорхонаи Устоди санъати мусиқии Шашмақом Ҳоҷӣ Абдулазиз боздид ба амал оварда, дар он ҷо бо дӯстони наздикаш мулоқот мекунад.***
***Мо ба ин осорхона, ки чанде пеш баҳри гирифтани маводи махсус барои «Донишномаи Самарқанд» рафта будем, ин дафъа ҳамроҳи Наврӯзҷон боз ба ин манзил омадем.***



Мутасаддиёни осорхона ба қабули меҳмон тайёрӣ медиданд. Чун моро диданд:

– Меҳмонҳо куҷоянд? – гуфта пурсиданд.

Ҳоло аз онҳо дарак набуд, лекин навозанда ва оҳангсози машҳури Самарқанд, устоди факултети санъати Донишгоҳи давлатии Самарқанд Равшан Ҳамроқулов, доиранавози моҳир Аслиддин Сироҷеви мотрудӣ, ки бо дастаи шогирдони доирадасташ то Арктикаи Шимолии дурдаст рафта, ҳунари доиранавозиро намоиш додааст, шашмақомхони номӣ Ихтиёр Султонов, ки аслан аз Истаравшан – диёри Содирхони Ҳофиз ва Абдуқодир Ҳофиз мулаққаб ба Зебпарӣ асту чандин сол боз сокини Самарқанд буда, дар омӯзишгоҳи санъат ба шогирдон ҳунари шашмақомсароиро меомӯзонад, ҳамчунин чанд тан аз мухлисони санъат пасу пеш омаданд.

Ниҳоят устоди санъат бо аҳли оилааш таҳти роҳбаладии шогирди наздикаш Ҳасанҷон Нуруллоев вориди осорхона шуданд. Мо онҳоро бо кафкӯбиҳо истиқбол намудем.

Дар ибтидо ба рӯҳи поки гузаштагони ҳамин манзил, бахусус устоди устодони ҳунари мусиқию сурудҳои Шашмақом, аз ҷумла «Ушшоқи Самарқанд», «Гулъузорам» ва боз чандин таронаҳои нотакрор Ҳоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов аз Қуръони карим оятҳо тиловат карда шуд.

Банда меҳмонони олиқадрро ба ин осорхонаи санъат хайра мақдам гуфта, дар бораи Ҷӯрабек ва меҳри мардуми Самарқанд нисбат ба ӯ чанд сухан гуфтам. Иброз доштам, ки ба сафари нахустини ҳунарии Ҷӯрабек ба Самарқанд беш аз 60 сол шудааст. Ӯ соли 1964 баъди хатми Донишкадаи Хуҷанд дар ҳайати ҳунарпешагони номии ҳамон давр Зафар Нозимов, Муслима Боқиева, Мирбобо Зиёев ва дигарон ба Самарқанд омада, дар саҳнаи театри навбунёди опера ва балет ҳунарнамоӣ карда буд. Шуҳрати ӯ худи ҳамон рӯз ба тамоми Самарқанд паҳн шуда, донишҷӯёни бахши филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд аз камина, ки ҳамон сол баъди хатми донишгоҳ фаъолияти омӯзгориро дар он ҷо оғоз карда будам, хоҳиш карданд, ки азбаски онҳо ба консерти ҳунарпешагони тоҷик иштирок карда натавонистаанд, хуб мешуд, санъаткорони тоҷикро ба факултет даъват карда, вохӯрие ташкил намоем.

Мо ин арзи донишҷӯёнро ба маъмурият расонида, аз номи ректори донишгоҳ, академик Воҳид Абдуллоев, ки низ шефтаи санъат буд, номаи расмӣ гирифтему онро ба сарвари дастаи ҳунарпешагони тоҷик расонидем.

Дар натиҷа вохӯрӣ бо ҳунарпешагон дар толори факултети филология барпо гардид ва қариб ду соат давом кард, ки қисми асосии он аз сурудхонии Ҷӯрабеки ҷавон иборат буд. Банда хуб дар ёд дорам, ки ӯ суруду таронаҳои ба Ватан, модар, ҷавонон, донишҷӯён бахшидашударо хеле моҳирона иҷро намуда, сазовори кафкӯбиҳои бардавоми донишҷӯён гардида буд.

Пайвандии Ҷӯрабек, ки бо Самарқанд аз ҳамон вақт ибтидо гирифта, то ҳол идома дорад, мустаҳкаму пойдор аст. Зеро Ҷӯрабек ҳанӯз аз ҳамон сафари кӯтоҳаш дар Самарқанд мухлисон ва дӯстони зиёде пайдо карда буд.

Аз он дам то ҳол бештарин тӯю маъракаҳои аҳли Самарқанд бо иштироки Ҷӯрабек Муродов пурфайзу мутантан мегузаранд. Ҷӯрабек Муродов бо дастаҳои ҳунарии Филармонияи Тоҷикистон дар даҳаҳои адабиёт ва санъати тоҷик ва сафари ҳайатҳои расмии ҳукуматӣ борҳо ба Самарқанд ташриф овардааст.

Ба шарафи 50-солагии зодрӯзаш дар майдони Регистон шаби эҷодии ӯ ба вуқӯъ пайваста, бо қарори ҳокими вилояти Самарқанд Пӯлод Абдураҳмонов ба Ҷӯрабек Муродов гувоҳномаи «Шаҳрванди ифтихории Самарқанд» тақдим гардида буд...

Сипас, камина доир ба мақоми Ҳоҷӣ Абдулазиз дар таърихи мусиқии Самарқанд, хидматҳои ӯ бобати пос доштану такмил додани «Шашмақом» ва эҳтироми ин оҳангсозу овозхони нотакрор аз ҷониби шогирдон, ҳамзамонон ва мухлисони минбаъдаи ӯ сухан гуфтам. Дар бораи навишта шудани чандин китоб оид ба Ҳоҷӣ Абдулазиз, аз ҷумла қиссаи ҳуҷҷатии нависанда Абдурофеъ Рабиев «Рӯзгори соҳибдилон», филми мустанади ӯ дар бораи Ҳоҷӣ Абдулазиз, китоби хотираҳои шифокру санъаткор Аминҷон Шарифов «Дар роҳҳое, ки ҳофиз гашта буд» ва ғайра ҳарф зада, изҳор кардам, ки ҳоло санъаткори варзидаи самарқандӣ Аслиддин Сироҷев дар бораи Ҳоҷӣ Абдулазиз китоби пурмуҳтавое навиштааст.

Сипас Аслиддин Сироҷев доир ба китоби тозанашри худ вобаста ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Ҳоҷӣ Абдулазиз чанд сухан гуфт.

Устод Ҷӯрабек ба ӯ китоби «Сурудҳои Ҷӯрабек»-ро, ки дар он 380 суруди ӯ бо нотаҳои мусиқиашон сабт шудааст, тақдим кард.

Равшан Ҳамроқулов ва Ихтиёр Султонов дар бораи дар мактабҳои олӣ ва махсуси мусиқӣ таълим дода шудани эҷодиёти Ҳоҷӣ Абдулазиз суханронӣ намуданд.

Баъд риштаи суханро худи Ҷӯрабек Муродов ба даст гирифта, дар бораи мақоми Ҳоҷӣ Абдулазиз дар таърихи санъати тоҷик ҳарф зада, аз ҷумла гуфт, ки то солҳои 70-уми асри гузашта, ҳарчанд номи ҳофиз ва бастакори маъруф Ҳоҷӣ Абдулазиз дар ёдҳо буданду оҳангу сурудҳои нотакрори эшон аз ҷониби ҳофизон суруда, оид ба ӯ суханҳои нек гуфта мешуданд, дар куҷо будани қабри ӯро намедонистанд, ба ёди касе ҳам нарасида буд, ки онро пайдо карда, обод намоянд. Банда бо ҳамин ният ба маъмурияти шаҳри Самарқанд муроҷиат кардам ва бо сайъу эҳтимоми марди равшанзамир Акрам Худойқулов, ки аз роҳбарони маъруфи вақти Самарқанд буд, қабри устод, ки дар мазористони Ҳазрати Хизри Шоҳи Зинда ҷойгир аст, обод ва кам бошад ҳам, барои зиёрат мувофиқ карда шуд. Ин манзиле, ки мо ҳоло зиёрат мекунем, ҷойи зисту кулбаи эҷодии устод буд, ки бо дастгирии Ҳукумати Ӯзбекистон ба осорхона табдил ёфт.

Воқеан, он солҳои истиқлол аз нав тармим гардида, ҳоло дар харитаи зиёратгоҳҳои сайёҳони ватанию хориҷӣ мавқеи махсус дорад.

Ҷӯрабек Муродов самимияти худро нисбат ба аҳли фарҳангу адаб ва мардуми эҷодкор изҳор дошта, аз ҷумла гуфт:

– Ҳукмдорон, роҳбарон, сарватмандон мегузаранд, эҷодкорон – аҳли адаб ва ҳунар бо осори худ боқӣ мемонанд. Ин аст, ки мо бо аҳли оила – ҳамсари меҳрубонам, писарам Парвизҷон ва келину набераам имрӯз ба ҳурмати ёди ҳунарпешаи бузурги санъати савту суруд Ҳоҷӣ Абдулазиз ба зиёрати осорхонаи эшон қадам ранҷа кардем.

Сипас устод Ҷӯрабек бо ҳамовозии шогирдаш Ҳасанҷон Нуруллоев ва Ихтиёр Султонов сурудҳои «Бозургонӣ» ва «Гулъузорам»-ро дар оҳанги Ҳоҷӣ Абдулазиз иҷро кард.

Меҳмонон асбобу ашёҳои осорхонаро, ки аз замони зиндагии Ҳоҷӣ Абдулазиз Расулов мондаанд, тамошо карданд ва барои хотира аксбардорӣ намуданд.

Фарзанди устоди ҳунар Ҷӯрабек Муродов – Парвизбек ҳозиринро ба тамошои Осорхонаи Ҷӯрабек Муродов дар Хуҷанди бостонӣ даъват кард.

Дидор ва мулоқот бо устоди санъат ва дӯсти қадрдони мо Ҷӯрабеки Мурод ба ҷамъомадагон як олам ҳаловат бахшид.

**Аслиддин ҚАМАРЗОДА,**
**Корманди шоистаи фарҳанги Ӯзбекистон.**

**Дар сурат:** лаҳзае аз вохӯрӣ бо **Ҷӯрабек Муродов** дар Осорхонаи Ҳоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов.

*Мавзӯъ барои мулоҳиза*

# ЧАРО ОДАМОН ТОРАФТ БЕСАБР МЕШАВАНД?

Шифохонаи бисёрсоҳавии шаҳр. Новобаста аз барвақт будани рӯз аллакай дар пушти дари шуъбаи терапевтӣ пирамарду пиразан, марду зан, модарони кӯдакдор ҷамъ омада буданд. Аксари онҳо ба назар парешонҳол мерасиданд ва аз тарҳи рухсораашон пай бурдан душвор набуд, ки бо мушкиле шифохона омадаанд. Яке дар телефон сӯҳбат мекард, дигаре аз ҳамроҳаш ҳол мепурсид, саввумӣ пойбанди сад хаёл буд...

– Кӣ аз ҳама охир? – марде бо нигоҳи пурсиш ба онҳо муроҷиат кард.

– Ман, – гуфт зани қадпасти фарбеҳ. – Аз ман пеш вай марди шапкадор, – ба ҷавонмарде ишора кард.

– Баъди Шумо ман, – гуфт мард. Чанде нагузашта як ҷавонзан омад ва беэътибор аз байни одамон ҷониби дар ҳаракат кард. Аз ин рафтори ӯ зани қадпасти фарбеҳ ҳайрон шуда, бо овози баланд гуфт:

– Ҳа, духтарам, куҷо?

– Ба духтур савол дорам, – гуфт ва бепарвоёна ба пеш ҳаракат кард.

– Мо ҳам ба духтур кор дорем, – аз дасти ҷавонзан кашид ва оташин илова кард:

– Ҳеҷ кас дар ин ҷо беҳуда намеистад. Дар навбат истед.

– Кори зарур ҳаст. Тез мебароям.

– Ҳама кор дорад, келинпошшо. Дар ҳама хонаву ҷой, кору бор ҳаст. Дар ин ҷо бобою бибӣ, занони бачадор ҳам навбат мепоянд. Сабр кунед, навбататон ояд, медароед.

Ҷавонзан ноилоҷ қафо гашт. Канортар рафту ба касе занг зад. Аз оҳанги гуфтораш аён буд, ки асабонӣ мешавад. Телефонро хомӯш карду ба дар наздик омад. Ҷавонзан маккорона ба атроф чашм давонд ва аён буд, ки нақшаи фиребро мекашад, то чорае ёфта ба дарун дарояд. Даме нагузашта садои телефонаш баланд шуд. Ҷавонзан дубора ба канор рафт. Ин дафъа сӯҳбати онҳо зуд анҷом ёфт ва фурсате нагузашта аз дарун ҳамшираи шафқат баромада, овоз баланд кард:

– Соатова!

– Ман, – телефонашро ба ҷайб андохта, ба дар наздик шуд ҷавонзан.

– Биёед, дароед, – гуфт парастор ва ба эътирози одамон эътибор надода, ӯро ба дарун даровард.

Афсӯс, ки имрӯзҳо бо чунин ҳодисаҳо бисёр рӯ ба рӯ мешавем ва аҷаб нест, шумо ҳам аз сар гузаронида бошед. Гоҳо аз беадолатӣ эътироз кунем, аксар вақт аз ноилоҷӣ хомӯш мемонем. «Ҳар кӣ тавонад, дар намонад» гуфта, худро таскин медиҳем. Оё ин рафтор дуруст аст?

– Чанд сол боз ҳамчун нотариус кор мекунам, – гуфт нотариуси Идораи давлатии нотариалии рақами 1-уми шаҳри Самарқанд К.Раҳимова. – Ҳар рӯз корафтодагони зиёд бо масъалаҳои гуногун меоянд. Аз тарзи гуфтору рафтори онҳо пай бурдан душвор нест, ки аз кадом қишри ҷомеа ҳастанд. Гоҳо мизоҷоне меоянд, ки дар наздатон одам бошад ҳам, беибоёна медароянд ва хоҳиш мекунанд, то корашонро зудтар ҳал кунем. Агар гӯед, ки «навбат гиред», ҳар хел баҳона пеш меоранд. Ноилоҷ дағал мегӯед ва аз ин зуд лаб ба шиква кушода, ҳатто дашном медиҳанд. Тӯли фаъолият пай бурдам, ки одамон сол то сол бесабр мешаванд. Эҳсоси худбинӣ дар онҳо боло меравад. Мекӯшанд, ки пеш аз ҳама кори онҳо ҳал шавад. Манфиати худро аз ҳама чиз боло мегузоранд ва барои дар фурсати кӯтоҳ, пеш аз ҳама ҳал кардани кори худ, ба ҳама кор омодаанд. Ҳатто барои порадиҳӣ.

Бояд гуфт, ки дар навбат истодан ҳам аз сатҳи маданият ва маърифати одам гувоҳӣ медиҳад. Шахсе, ки худро эҳтиром мекунад, албатта дар муносибат бо атрофиён низ одобро нигоҳ медорад ва намехоҳад, боиси ранҷурии хотири дигаре гардад. Дар навбат истодан аз одам пеш аз ҳама сабр, иродаи мустаҳкамро талаб мекунад ва аз доираи сабр берун по ниҳодан, ин ба ҳаққи дигаре ноадолатӣ хоҳад буд.

– Ман аз рӯйи масъалаҳои гуногун зудзуд ба ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамоатӣ меравам, – гуфт сокини шаҳри Тошканд Н.Тағоев. – Хурсандиовар аст, ки дар аксар корхонаву ташкилотҳо навбати электронӣ ба роҳ монда шудааст. Лекин дар баъзе муассисаҳо ба навбат риоя намекунанд. Ҳатто дар баъзе шифохона ва корхонаҳо худи корафтодагон рӯйхат тартиб дода, аз рӯйи он амал мекунанд. Аммо гоҳо баъзе одамони «шохдор» ба навбат эътибор намедиҳанд. Агар пеши роҳи онҳоро гиред, зуд ба тағо ё амаки «болонишин»-и худ занг мезананд. Бинед, ки пас аз чанд дақиқа худи роҳбар ё коргузорони ӯ «шохдор»-ро бенавбат қабул мекунанд. Агар аз тарафи калонсолон, ки солхӯрдаанд ва зуд хаста мешаванд, навбат вайрон шавад, фаҳмидан мумкин. Мутаассифона, дар аксар маврид ҷавонон ба навбат муносибати беписандона менамоянд.

Савол ба миён меояд: чаро одамон сол то сол бесабр мешаванд? Барои чӣ нафъи шахсии худро аз манфаати ҷамъиятӣ боло мегузоранд? Чаро эҳтироми байниҳамдигарӣ коста мешавад? Сабаби ин дар чист?

Хонандаи азиз! Тасаввур кунед, ки Шумо бо чунин ҳол рӯ ба рӯ омадед. Чӣ гуна роҳро интихоб мекунед? Ҷавоби шумо аниқ: сабр карда, навбати худро интизор мешавед. Дуруст мекунед. Чунки агар баръакс амал кардед, дар назари одамоне, ки тӯли соатҳо навбат мепоянд, бад менамоед ва ҳамаи онҳо дар ҳаққи шумо «дуоҳои нек» мекунанд. Ва дар бораи падару модаратон низ фикрҳои «нағзу пурмағз»-ро дареғ намедоранд.

Бинобар ин, дар ҳар кор босабр бошем ва ҳеҷ гоҳ эҳтироми байниҳамдигариро гум накунем. Охир, Бадриддин Ҳилолӣ беҳуда нафармудааст:

*Ба сабр аз корҳо берун равад банд,*
*Шавад най шаккару шаккар шавад қанд.*

**Фаридуни ФАРҲОДЗОД,**
**мухбири «Овози тоҷик»**

# ОМӮЗГОРИ ЭҶОДКОР

Дар Коҳи фарҳанги деҳаи Ҳушёри ноҳияи Сӯх маҳфиле баргузор гардид, ки ба ҳаёт ва фаъолияти омӯзгор, шоир ва нависандаи хушзавқ Муҳаммадхони Пӯлодӣ бахшида шуд.

– Муҳаммадхони Пӯлодӣ аз зумраи он қаламкашоне маҳсуб меёбад, ки ба ду забон озодона эҷод мекунад. Муҳтавои аксари китобҳояш ҷанбаи тарбиявӣ доранд, – гуфт ноиби ҳокими ноҳия Илҳом Абдумаҷидов. – Муҳаммадхони Пӯлодӣ дар соҳаи омӯзгорӣ низ ба дастовардҳои зиёд ноил шудааст. Нишонҳое, ки дар сари синаи ӯ овезонанд, шаҳодати он мебошанд.

Гуфта шуд, ки ба қалами Муҳаммадхони Пӯлодӣ «Раҳбарият ва салоҳият», «Одоби оила» (ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ), «Сағираи саргардон», «Бобур Сӯх ва Ҳушёрда», «Алла – ҳаёт қӯшиғи» барин китобҳо тааллуқ доранд. Аммо ӯ бо ин фаъолияташро ба интиҳо нарасонидааст.

Шоирон Расулбеки Аҳмадзод ва Садриддини Ҳушёрӣ, нависанда ва журналистон Раҳимбердӣ Тошматов ва Мирасрор Аҳроров баромад карда, заҳматҳои Муҳаммадхони Пӯлодиро дар роҳи тарбияи насли наврас ва таълифи китобҳои пурмуҳтаво арзёбӣ карданд.

– Ҳар чизе, ки дар роҳи кору эҷод ба ман муяссар шудааст, натиҷаи роҳнамоии устодонам, сонӣ самараи меҳнат ва талошҳои пай дар пай мебошад. Ҳатто боиси сарфарозист, ки дар барномаи «Панди падарон» бо истифода аз навиштаҳои банда таҳти унвони «Бахти баъди издивоҷи дуюм» новеллаи телевизионӣ намоиш дода шуд ва онро шабакаҳои дигар низ мавриди пахш қарор доданд. Ҳоло боз чанд адад китоб дар мавзӯъҳои гуногун таълиф намудаам, ки дар ояндаи наздик рӯи чопро хоҳанд дид, – мегӯяд М. Пӯлодӣ.

**Ситораи НАЗАРИЁН,**
**донишҷӯи соли сеюми Донишгоҳи давлатии Фарғона.**



*Мактаби таълими умумии рақами 59-уми ноҳияи Шайхонтаҳури пойтахт ба омӯзиши чуқури забонҳои чину корейсӣ ихтисосонида шудааст. Алҳол ин ҷо 1597 нафар донишомӯзон таҳсил мегиранд.*

*21 нафари онҳо аз рӯйи санҷиши забондонӣ ба гирифтани сертификатҳои HSK-4, HSK-5, IELTS-6, IELTS-5 муяссар гардиданд.*

*Соли ҷорӣ 7 нафар донишомӯзи ин маскани таълим пеш аз муҳлат ба мактабҳои олии давлатҳои хориҷӣ ба талабагӣ қабул шуданд.*

***Дар сурат**: дар мактаби таълими умумии рақами 59-уми ноҳияи Шайхонтаҳури пойтахт.*

***Суратгир: Н. ҲАЙДАРОВ (ӮзА).***

# БО ТУ СОЗАД ФАХР ХАЛҚУ ҲАМ ВАТАН!



Тирамоҳи соли 2006. Рӯзе бо ходимон дар рӯзномаи «Бохтар» машғули кор будем, ки ҷавоне занг зада худро муаррифӣ кард ва гуфт, ки Фаррух Фаттоев – писари омӯзгор Абдуҷаббор Фаттоев мебошад. Устод Абдуҷаббор Фаттоевро ҳамчун омӯзгори варзидаи фанни физика дар миқёси ҷумҳурӣ хуб медонистанд.

Камина, ки он касро хеле хуб мешинохтам ва Фаррухро низ ғоибона медонистам, зуд ба хона даъват кардам. Таҳририяти «Бохтар» он замон дар якхонагии худам ҷойгир шуда буд. Баъд аз чанде ҷавони зебое бо либосҳои шинам дар даромадгоҳи таҳририят ҳозир шуд. Ӯро ба дарун даъват намуда, чун шиноси дерина оғӯш кушода, гарм ҳолпурсӣ намудем. Бо кормандон корро мавқуф гузошта, даври ӯ ҳалқа задем ва ба суҳбат кашидем. Суҳбатамон хеле қӯр гирифт. Чун аз бародараш, дӯстам Бахтиёрҷон Фаттоев шунида будам, ки Фаррухҷон магистратураро дар Итолиё хатм намуда, барои давом додани таҳсили доктории озими ИМА аст, дар ин хусус бештар пурсон шудам. Зеро он солҳо ягон-ягон толибилмон ба хориҷи кишвар рафта, таҳсил мегирифтанд, ки орзуи аксар ҷавонон буд. Пай бурдем, ки вақти ӯ ба ҳисоб асту фурсати дурудароз бо мо суҳбат кардан надорад, оид ба таҳсилу фаъолияти кориаш оҷилан маълумот гирифтем, то ки матолибе барои чоп омода созем. Вақте ки дар бораи эҷоду мақолаҳои илмиаш пурсон шудем, зуд аз сумкааш ноотбукро бароварду тавассути флешка чанд мақоларо ба забони тоҷикӣ ба компутери мо ирсол дошт. Мо – кормандон ноотбуки ӯро дида, ҳавасамон омаду ба даҳон об гирифтем. Зеро таҳририяти мо ноотбук он тараф истад, ҳатто компутери дурусте ҳам надошт. Ва ҳоло ҳам бо ҳамон воситаҳои техникии кӯҳна кору фаъолият дорем. Инро ба он хотир гуфта истодаам, ки давронии мушкили солҳои аввали садаи XXI, ки рӯзнома нав якунимсола шуда буд, то ҳанӯз моро думбалагир аст ва мушкилот баръакс зиёд шудаасту кам не.

Хуллас, суҳбати яклаҳзаинаи он рӯз то ҳанӯз аз лавҳи хотирам зудуда нашудааст. Лекин аз он айём қариб 20 сол сипарӣ шудааст. Тӯли ин муддат ӯ боз дар чанд донишгоҳи хориҷӣ таҳсил карду дар чанди он кори илмиву фаъолияти босамар бурд. Дар бораи кору фаъолият ва зиндагии Фаррухҷон ҳамеша аз падараш – устоди забардасти фанни физика Абдуҷаббор Фаттоев ва бародараш – омӯзгори варзидаву соҳибтаҷриба Бахтиёрҷон Фаттоев пурсида, аз муваффақиятҳову дастовардҳояш комилан хурсанд мешудам.

Инак, баъди 20 сол боз дидор дидем дар чорабинии фарҳангие, ки ба қарибӣ дар ноҳияи Узун ба муносибати рӯнамоии китоби «Номаи ифтихор»-и Ӯғилой Ҷӯрабоева баргузор гардид. Бо як дидан зуд ҳамдигарро шинохтем. Чеҳраи нарму самимияти ба худаш хос диққати ҳар бинандаро ба худ ҷалб мекард. Халқи донои мо беҳуда: «Ба таги дарахти себ, албатта себ меафтад» нагуфтааст. Ин фазилатҳои наҷибу хислатҳои ҳамидаро аз падару модар сар карда, то ҳама бародару хоҳарон Худованди мутаол дар тинати онҳо сириштааст. Он рӯз ровии давра Саидҷон Ҳаев ӯро барои суханронӣ ба минбар хонд ва ӯ ба забони софу беолоиши тоҷикӣ ҳарф зад.

***

Фаррух Фаттоев 11-уми феврали соли 1982 дар деҳаи Янгиҳаёти ноҳияи Сариосиё зода шудааст. Таълими ибтидоиро дар мактаби ҳамагонии рақами 9-уми овозадор гирифтааст. Ӯ ғолиби секаратаи олимпиадаи вилоятӣ аз фанни физика (1996, 1997, 1998) буда, дар синни 16-солагӣ мактабро бо шаҳодатномаи сурх хатм намудааст.

Пас аз хатми мактаб дар солҳои 1998-2002 дар факултаи физикаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд таҳсил гирифтааст. Фаррух барандаи стипендияи ба номи академик Акбар Атохоҷаев ва стипендияи давлатии Берунӣ мебошад.

Дар солҳои 2002-2004 дар риштаи физикаи назарӣ дар Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон таҳсили магистратура мекунад. Ҳангоми таҳсил дар омӯзишгоҳи астрономияи ба номи Мирзо Улуғбек ва Пажӯҳишгоҳи физикаи ҳаставии Академияи улум ҳамчун ходими илмӣ кор мекунад. Дар миёни 39 нафар магистрант танҳо 4 нафар рисолаи илмӣ менависанд.

Дар аввали соли 2005 ба Маркази байнидонишгоҳии астрономия ва астрофизика, ки дар шаҳри Пунаи Ҳиндустон воқеъ аст, ба сафари илмӣ меравад ва бо донишмандони ҳинд пажӯҳишот анҷом медиҳад. Аз соли 2005 то 2007 дар Донишгоҳи Триесте таҳсил гирифта, доир ба кайҳоншиносӣ тадқиқоти илмӣ мебарад.

Пас аз анҷоми паймони корӣ бо Итолиё, Фаррух ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико сафар мекунад ва дар солҳои 2007-2011 дар Донишгоҳи Флорида ҳамчун докторант таҳсил мегирад. Рисолаи доктории худро дар мавзуи «Ҳассосияти хосиятҳои ситораи нейтронӣ ба муодилаи ҳолат» менависад. Дар раванди кори дипломиаш ҳамчун беҳтарин пажӯҳишгари сол эътироф мешавад ва ба ӯ соли 2012 ҷоизаи Дирак-ҳелманро медиҳанд.

Фаррух на танҳо олими хуби пажӯҳандаву таълимдиҳанда, балки олимест, ки ба илми омӯхтааш амал ҳам мекунад. Маҳз ба ҳамин хотир қадру манзалати ӯ болост. Чунончи шоир гуфтааст:

*Илмат ба амал чу ёр гардад,*
*Қадри ту яке ҳазор гардад.*

Ӯ маҳорати хуби забономӯзӣ низ дорад. Забонҳои англисӣ, русӣ, форсӣ-тоҷикӣ ва ӯзбекиро медонад ва мубодила мекунад.

Фаррух Фаттоев ҳоло дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳида иқомат ва фаъолият дорад. Роҳе, ки Фаррух дар ҷодаи илм тай намудааст, барои ҳар ҷавон намуна ва оинаи ибрат аст.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

# ФАЗИЛАТИ ИДИ ҚУРБОН ВА ҚОИДАҲОИ ҚУРБОНӢ

Иди Қурбон фазилатҳои зиёде дорад ва ҳамчунин таомуле ҳам дорад, ки яке аз он таомулҳо қурбонӣ кардан ва риояти аҳкоми қурбонӣ аст.

Қурбонӣ яке аз шиорҳои ислом аст, ба он хотир, ки мутобиқи суннати Иброҳим (а) ҷонвареро сидқан барои ризои Худо забҳ менамоянд ва он яке аз қоидаҳои қурбонӣ аст. Аз ҳазрати Оиша (р) ривоят аст, ки Пайғамбар (с) фармудаанд: «Ҳеҷ амали фарзанди Одам дар рӯзи наҳр дар пешгоҳи Худованд аз қурбонӣ кардан маҳбубтар нест. Чорвои қурбонишуда рӯзи қиёмат бо шоху мӯй ва тамоми аҷзояш дар тарозуи аъмол вазн мешавад. Хуне, ки аз забҳи чорвои қурбонӣ мерезад, ҳанӯз ба замин нарасида савобаш назди Худованд навишта мешавад, пас ба хушҳолӣ қурбонӣ кунед» (Ривояти Тирмизӣ ва Ибни Моҷа).

Қурбонӣ мувофиқи мазҳаби Имоми Аъзам (р) барои шахсоне воҷиб аст, ки соҳиби нисоби закот бошанд. Яъне касоне, ки сарватманд ҳастанд, хоҳ шаҳрӣ бошанд ё рустоӣ. Бархе аз мардум фикр мекунанд, ки агар як сол қурбонӣ кунанд, ҳар сол қурбонӣ кардан ба онҳо воҷиб мегардад, агарчи қудрат надошта бошанд. Ин андеша ғалат аст ва асоси шаръӣ надорад, зеро шарти воҷибшавии қурбонӣ сарватманд будан аст.

Қурбонӣ танҳо аз чорвоёни хонагӣ, яъне шутур, гов, говмеш ва бузу гӯсфанд дуруст мешавад, хоҳ нар бошад, хоҳ мода. Забҳ кардани ҳайвони ваҳшӣ ва нодир барои қурбонӣ ҷоиз нест.

Дар қонуну қоидаҳои қурбонӣ гуфта шудааст, ки моли қурбонӣ бояд солим, фарбеҳ ва бенуқсон бошад. Бузу гӯсфанд аз яксола боло бошад, вале агар аз 6-моҳа боло буда, монанди яксола солиму фарбеҳ ба назар намояд, қурбонӣ кардани он мумкин. Гов бояд аз дусола ва шутур аз панҷсола боло бошад. Шир ё пашми моли қурбониро гирифтан ва фурӯхтан ҷоиз нест. Агар касе чунин кард, бояд ба миқдори арзиши он садақа кунад.

Агар ҳайвон хилқатан шох надошта бошад, забҳи он барои қурбонӣ ҷоиз аст. Агар як қисмати шохи ҳайвон шикаста ё қатъшуда бошад, забҳи он низ дуруст аст. Аммо агар ҷойи шикасти он аз бехи шох бошад, қурбонӣ кардани он дуруст нест.

Ҳамчунин агар ҳарду чашми ҳайвон ё як чашми он нобино бошад ё бағоят лоғар, дандонҳояш шикаста, ё гӯш ва ё думаш қатъ шуда бошад, забҳи он ҷоиз нест. Аммо агар аз се ду ҳиссаи гӯши ҳайвон боқӣ монда бошад, забҳи он мумкин.

Гӯшти қурбониеро, ки чанд нафар дар гову шутур якҷоя шариканд, бояд одилона ва бо тарозу тақсим намоянд, зеро тахминӣ тақсим намудан ҷоиз нест. Пӯст, каллаву почаи моли қурбониро метавонанд худ истифода кунанд ё ба камбизоатон бидиҳанд, аммо фурӯхтанаш ҷоиз нест.

Яке аз қоидаҳои қурбонӣ ин аст, ки барои қурбоникунанда ҷоиз аст, ки аз гӯшти қурбонии худ бихӯрад, ба фақирону камбизоатон таом бидиҳад. Агар тамоми гӯшти қурбониро барои хонаводаи худ захира кунад, ҷоиз аст. Накӯ аст, ки гӯшти қурбониро ба се ҳисса тақсим намуда, як ҳиссаи онро ҳамчун хомталош садақа диҳад, як ҳиссаи дигарро барои хонаводаи худ захира кунад ва як ҳиссаи боқимондаро ба наздикону дӯстонаш бифиристад.

Тибқи дастуроти шариати ислом ва фиқҳи мазҳаби ҳанафӣ қурбонӣ ибодати ҷудогона буда, аз рӯи тартиб бояд пас аз адои намози ид анҷом дода шавад. Аз Ҷундуби Баҷалӣ (р) ривоят аст, ки фармуд: «Ман рӯзи иди Азҳо ҳамроҳи Паёмбари акрам (с) намоз гузоридам. Паёмбар (с) баъд аз намоз хутбае хонда фармуданд: «Касе, ки қабл аз намоз қурбонӣ намудааст, ба ҷойи он дубора қурбонӣ кунад ва касе, ки қурбонӣ накардааст, барои ризои Худо қурбонӣ кунад». (Ривояти Муслим). Шахсони қурбоникунанда метавонанд, ки як соат баъд аз тулӯи офтоби рӯзи ид, яъне 6-уми июн қурбонии худро ба ҷо оранд.

Бояд гуфт, эҳсону некӣ ба ҳар навъе, ки бошад, амалест, ки Худовандро хушнуд мегардонад. Хусусан кумак ба ятимону ниёзмандон дар рӯзҳои ид боиси аҷру савоби бешумор ва хушнудии Худованд ва Расули ӯст.

**Дар асоси матолиби шабакаҳои иҷтимоӣ таҳияи ФАРАҲМАНД.**

*Табрик*

## ҶАМОАИ ИТТИҲОДИЯИ ТИББИИ ШАҲРИ САМАРҚАНД

мардуми шарифи Ӯзбекистонро ба муносибати

# ИДИ САЙИДИ ҚУРБОН

самимона табрик намуда, ба ҳар хонадони кишвар оромиву осоиш ва рӯзгори босаодат таманно мекунад.




## ҶАМОАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ САМАРҚАНД БА НОМИ ШАРОФ РАШИДОВ

падару модарони муҳтарам, бародар ва хоҳарони азиз, ҷавонон, тамоми мардуми кишварро бо

# ҶАШНИ БУЗУРГИ ИДИ ҚУРБОН



табрик намуда, ба ҳамаи ҳамдиёрони азиз тани сиҳат, иқболи нек, барори кор ва ба Ӯзбекистони маҳбубамон пешрафту ободии рӯзафзун орзу менамояд.

ИДИ САЙИДИ ҚУРБОН МУБОРАК, ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ!

*Минбари донишҷӯӣ*

# ЮСУФ ВА ЗУЛАЙХОҲОИ ЗАМОНИ МО КИСТАНД?

***Имрӯз ҷавонон, ҳатто калонсолон ҳам дар гирдоби тасвирҳо, видеоҳо, намоишҳои зебоӣ ва ҷаззобият ғарқ шудаанд. Бо вуҷуди он ки ин платформаҳо имконияти иртибот ва маърифатро фароҳам меоваранд, онҳо метавонанд, ба сабаби кам шудани назорати ахлоқӣ ва густариши контенти номатлуб, ба буҳрони маънавӣ оварда расонанд. Имрӯз, ки ҷаҳон саропо зери таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ, филмҳои пур аз васваса ва арзишҳои ноустувори ахлоқӣ қарор гирифтааст, баргаштан ба достонҳои маънавие чун «Юсуф ва Зулайхо» мисли нафас кашидан аз ҳавои тоза аст.***

Аммо пурсиш ин аст: ҷавонони имрӯз ин қиссаи ишқиро то куҷо мешиносанд? Юсуф (а) пайғамбари Банӣ Исроил буд. Ӯ фарзанди Яъқуб (а) ва набераи Иброҳим (а) ба шумор меравад. Қавми ӯ аз фарзандони Исроил (Яъқуб) буданд, ки аслан аз Канъон (канораи Фаластини имрӯза) ҳастанд. Зулайхо бошад, дар ривоятҳо ҳамчун зани зебо, аммо пур аз шаҳват ва ифтихор тасвир мешавад. Ӯ ҳамсари Азиз, яке аз амалдорони Миср буд. Қисса дар замони фиръавнҳои Миср рух додааст. Суоли калидӣ он аст, ки имрӯз ҷавонон Юсуфро мешиносанд, аммо фақат аз сериали туркӣ, на аз Қуръон ё на аз достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдураҳмони Ҷомӣ. Онҳо ишқи Зулайхоро эҳсос мекунанд, аммо сабри Юсуфро дарк намесозанд. Достон танҳо як ривояти ишқ нест, балки дарси ахлоқ, сабақи муқовимат ба васваса, сабр дар рӯбарӯи туҳмат ва парҳезгорист.

Ин достон ба мо талқин менамояд, ки покӣ ва сабр калиди наҷот аст. Юсуф бо иродаи қавӣ дар баробари васвасаҳо истодагарӣ кард ва дар охир ҳақиқат ғолиб омад. Зулайхо низ пас аз озмоишҳои зиёд роҳи ростро дарёфт. Ин маънои онро дорад, ки ҳар кас метавонад бо истифода аз имон ва маърифати ахлоқӣ, хатоиҳои худро ислоҳ кунад ва ба роҳи дуруст баргардад. Имрӯз, ки ҷаҳони муосир пур аз таъсироти гуногун аст, ҷавонон бояд аз достони «Юсуф ва Зулайхо» сабақ бигиранд. Юсуфи замони мо бояд шахсе бошад, ки дар байни фитнаҳои иҷтимоӣ, рақамӣ ва моддӣ бо покдоманӣ ва рӯҳи устувор зиндагӣ кунад. Зулайхоёни даврони мо метавонанд ростқавлу боимон бошанд.

Дар асри TikTok, Instagram ва дигар шабакаҳои иҷтимоӣ, ки ба як нуқтаи тамошо ва баҳс табдил ёфтаанд, Юсуфи замони мо шахсест, ки метавонад аз лаҳзаҳои кӯтоҳи ҷаззобӣ ва ҷалбкунандаи моддӣ даргузарад ва ба арзишҳои аслӣ ва пок рӯй оварад. Достони маъруфи «Юсуф ва Зулайхо» дар фарҳанги мо на танҳо як қиссаи таърихӣ, балки дарси ҳаётӣ ва ахлоқӣ мебошад. Ин достон имрӯз бо мушкилоти нав таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ва тағйирёбии арзишҳои маънавӣ рӯ ба рӯ аст.

Барои ҳаллу фасли ин, бояд дар мактабҳо, оила ва ҷомеаҳо тарбияи маънавӣ бо усули муосир пеш бурда ва ба тарзи ҷолиб тақвият дода шавад. Дар ҷаҳони пур аз таъсироти шабакаҳои иҷтимоӣ, ҷавонон бояд аз достони «Юсуф ва Зулайхо» сабақ бигиранд, то пок ва дорои иродаи устувор бошанд.

**Таҳияи Салоҳиддин ҶАҲОНГИРЗОДА, донишҷӯйи Донишкадаи омӯзгории Ӯзбекистон – Финландия.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-628.
Адади нашр 3696. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Г. Кабирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 21.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.